**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023с.).**

Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович ба яке аз мавзуъҳои мубрамми илми ҳуқуқи коститутсионии ватанӣ - «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати диссертатсияи мазкур муайян гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Омӯзиши падидаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрамми ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин шарти рушди муносиби ҷомеа ва давлат ин устувории қонуни асосии кишвар Конститутсия ба ҳисоб меравад. Конститутсия бояд дар асл қатъӣ ва тағйирнопазир бошад. Илова бар ин, он бояд дар ҳолати диалектикӣ қарор дошта, мувофиқи тағйироти муносибатҳои ҷамъиятӣ рушду иншикоф ёбад. Таҳқиқоти мазкур авалин тадқиқоти ватание мебошад, ки ба амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар соҳаи амнияти миллӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур бунёдӣ буда, дар сатҳи маҷмуи корҳои илмӣ иҷро карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷониба муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба

мафҳумҳои амниятӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ баҳо диҳад ва таърифҳои муаллифии мафҳумҳоро пешниҳод намояд. Хулоса ва пешниҳодҳо инчунин ба такмил додани механизми танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ бахшида шудааст.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ баён гардидаанд, ки аслан дар он муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтаанд ва ба тафаккури назариявӣ-амалии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии масъалаҳои амниятӣ дар ниҳоди институтсионалии онҳо равона карда шудаанд. Маҳз ниҳодҳои институтсионалӣ ба ин падидаи ҳуқуқӣ мустақилият дода, онро бо дастгоҳи категориявии худ, бо хусусияти хоси он ва методикаи таъсири ҳуқуқӣ таъмин карда метавонад. Дар маҷмуъ, ин хусусиятҳо дар ҳалли соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири муассир хоҳанд гузошт. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ ба омилҳое асос ёфтааст, ки таҳдидҳои амнияти миллиро фаро гирифтааст. Дар ин росто, таҳқиқи анҷомдодаи муаллифи автореферат дар ҳалли ин масоили мубрам нақши калон мебозад. Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Ҳамчунин, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад. Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки авторефератӣ диссертатсияи номзадии Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи нуқтаи назари мантиқӣ дуруст таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат мебошад.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи унвонҷӯ доир ба автореферати диссертатсия эроди зериниро пешниҳод менамоем. Аз ҷумла, муаллиф дар боби якуми зербанди дуюм моҳият ва мазмуни ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллиро муҳаққиқ ба асосҳои илмӣ ва принсипҳо ҷудо намудааст. Хубтар мебуд, агар муҳаққиқ надидан мазкурро ба воситаи танҳо асосҳои илмӣ ва ё принсипҳои ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор медод. Ин эрод хусусияти ҷузъӣ дошта, мантиқи автореферати диссертатсияро коста намегардонад.

Аз ин рӯ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи
ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Б. Ғафуров" **Мухторзода К.Т.**

**Имзои Мухторзода К.Т.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсусӣ
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" **Наврузов Э.М.**

**Суроғаи муқарриз:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Тел.: (+992-3422) 6-52-73. Факс: (+992-3422)6-75-18; E-mail: rector@hgu.tj; Сайт: http://hgu.tj
«09» 01 2024 сол